# Такриз

**ба автореферати диссертатсияи Қозизода Шӯҳратҷон “Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-ичтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз руйи ихтисоси 6Д020300-Таърих, 6Д020301-Таърихи-ватанӣ**

Диссертатсияи Қозизода Ш. ба мавзуи муҳим ва актуалӣ бахшида шудааст. Инро муаллиф хеле хуб дарк намуда, аҳамияти илмӣ, амалӣ ва сиёсӣ онро боэътимод асоснок намудааст.

Бо максади муайян кардани дараҷаи омӯзиши мазуъ диссертант дақиккорона шумораи зиёди корҳои нашршударо таҳлил намудааст. Андешаи муаллиф дар бораи он,ки гарчанде мавзуъ дар асарҳои алоҳидаи муҳаккиқон инъикос ёфта бошад ҳам, аммо вай мавзуи махсуси таҳқиқоти таърихи нагардидааст, боиси дастгирист.

Максад,вазифаҳо ва ҳудуди хронологии таҳқиқотро мушикофона муайян намуда, диссертант дар асоси маводи ғании бойгонӣ мантикан ҳамаи комплекси масъалаҳои асосии мавзуъро инкос намудааст.

Дар диссртатсия масъалаҳои аз худ кунии заминҳои дашти Дилварзин ва муҳоҷиркунонии масчоҳиён,ташкилёбии ноҳияи нави Масчоҳ ҷамъбаст гардидааст.

Пурра ба хулосаи диссертант дар натиҷаи аз худ намудани заминҳои солҳо бекорхобидаи дашти Дилварзин,сохтмони неругоҳи барки обии Қайроқум ва обанбори он, гузаронидани корҳои зиёди ирригатсионию мелиоритавӣ ва муҳоҷир намудани сокинони минтақаи Масчоҳи кӯҳи як ноҳияи нав бо колхозу савхозҳои калон ташкил ёфт, розигӣ дод.

Дар боби дуюми диссертатсия “Ноҳияи Масчоҳ ва рушди он дар замони шуравӣ(солҳои 1955-991)” рушди иқтисодию ичтимоии ноҳияи Масчоҳ дар солхои 1955-1991, ҳаёти ҷамъиятию фархангии Масчоҳ дар замони шуравӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст.

Макоми хосаро дар диссертатсия боби сеюм “Ноҳияи Масчоҳ дар замони истиқлол (солҳои 1991-2021)” ишғол менамояд. Дар он зербобҳои “Истиқлол ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияи Масчоҳ дар замони истиқлолият” таҳқиқ ва таҳлил шудаанд.

Дисертант чунин меҳисобад ки таҷрибаи ноҳияи Масчоҳ дар солҳои 1991-2021 намунаи равшани таъсири нерӯманд ва созандаи истиқлол ба рушди як минтақаи деҳот мебошад. Он чи ки Масчоҳи имрузаро аз Масчоҳи замони гузашта фарқ мекунанд пеш аз ҳама сатҳи баланди шуурнокӣ ва муттаҳидии мардум дар атрофи ормонҳои миллӣ аст. Маҳз ҳамин иттиҳод ва ҳадафмандии коллективӣ имкон дод ки мардуми заҳматкарини ноҳия дар муддати начандон тулонӣ ба яке аз ноҳияҳои ободу пешрафти ҷумхурӣ табдил ёбад. Ноҳияи Масчоҳ дар даврони истиқлол ба дастовардҳои бузурги ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ ноил гардидааст. Тавре худи Сардори давлат зимни сафари

кориашон ба ноҳия таъкид доштанд, бо шарофати татбики самараноки барнома ва азму талоши мардуми ноҳия хосса соҳибкорони маҳаллӣ хеле корҳои созандагиву ободонӣ анҷом дода шудааст.”

Умуман автореферат ва корҳои нашршудаи унвонҷу мақоми асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Рисолаи диссертатсионии Қозизода Шӯҳратҷон “Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021)” пурра ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Қозизода Шӯҳратҷон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз руйи ихтисоси 6Д020300-Таърих,6Д020301-Таърихи ватанӣ сазовор мебошад.

**Доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”** **Набизода Ваҳоб Машраб**

Имзои Набизода В.М.- ро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”** **Сайдуллозода З.С.**

“17” 08 **2026**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Суғд,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Б. МАвлонбекова 1.
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
Тел: (+992) 92-803-00-01
E-mail: v.m.nabiev@mail.ru